201__ A
nomidagi
O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

12 январи соли 2020. Якшанбе
№ 5 (14604)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# БОҒИ МИЛЛӢ БА ОИНАИ ҲАЁТИ МАЪНАВИАМОН ТАБДИЛ МЕЁБАД



**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 11 январ бо рафти корҳои созандагие, ки дар шаҳри Тошканд ба амал меоянд, шинос гардид.**

Президент ба Боғи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишер Навоӣ ташриф овард.

Шавкат Мирзиёев аз нахустин рӯзҳои фаъолияти президентӣ ба адабиёт, маънавият эътибори алоҳида медиҳад. Чандин ташаббусе, ки барои рушди соҳа, абадисозии хотираи таърихии нависанда ва шоирони бузурге, ки дар ҳаёти маънавӣ нақши ногустурданӣ доштанд, баланд бардоштани савияи маданиву маърифатии насли ҷавон зоҳир намуд нафақат адиб ва шоирон, балки тамоми мардумро руҳбаланд сохт.

Инро охири соли 2019 зимни зуҳури эҳтиром ба хотираи бунёдгузори романнависии ӯзбек Абдулло Қодирӣ, дар пойтахт ба номи ӯ боз гардидани мактаби эҷодӣ ва музей, гузошта шудани ҳайкали бузурги адиб низ дидан мумкин буд. Соли 2020 низ барои мардумамон, адабиёти миллӣ бо чунин корҳои хайр оғоз ёфт. Роҳбари давлат дар оғози Соли нав дар Боғи миллӣ бо корҳои созандагие, ки дар Хиёбони адибон ба амал оварда мешавад, шинос гардид.

Ба боғи адабиёт, маънавият табдил додани Боғи миллии Ӯзбекистон, ки ба номи Алишери Навоӣ гузошта шудааст, маҳз ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев буд, ки се сол пеш аз ин гуфта шуда буд. Моҳи феврали соли 2017 дар асной ташриф роҳбари давлат ба масканн маънавият ва эҷоди ҳақиқӣ, маскани рушди маданиву маърифатии халқ, дар ҷавонон тарбия намудани эҳсоси камолоти муҳаббат ба Ватан ва адабиёт тавсияҳо дода буд.

Пас аз муддати кӯтоҳ 18 апрели ҳамон сол қарори Президент «Дар бораи барпо намудани Хиёбони адибон дар ҳудуди Боғи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишер Навоӣ» қабул гардид. Дар асоси қарор дар ҳудуди боғ тараддуди доманфарохи бунёдкорӣ оғоз ёфт. Моҳи декабри ҳамон сол бинои замонавии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон ба баҳрабардорӣ супурда шуд. Роҳбари давлат лоиҳаи Хиёбони адибони бунёдгарданда, бинои нави Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистонро, ки молики тамоми шароити эҷодӣ мебошад, аз назар гузаронд, бо нависандагон ва шоирон мулоқот намуда, вазифаҳои муҳимро муайян намуд.

Бо ҳамин бунёдкорӣ дар Хиёбони адибон ба давраи нав ворид гардид. Ин хиёбон бо муҷассамаи Алишери Навоӣ ҳамоҳанг буда, барои ҳосил намудани намуди умумии меъморӣ лоиҳаи нав таҳия гардид. Бинобар он беш аз 8 гектар ҳудуд ободгардида, аз нав гузоштани ҳайкали Алишери Навоӣ муайян гашта аст.

Дар Хиёбони адибон ба сифати шаҷараи маънавиву маърифатии адабиёти Ӯзбекистон гузошта шудани муҷассамаҳои адибони маъруф дар назар дошта шудааст. Дар ин ҷо бинобар ғояи Президент дар қатори муҷассамаҳое, ки то ҳозир гузошта шудаанд, пайкараҳои Бобур, Огаҳӣ, Муқимӣ, Фурқат, Беҳбудӣ, Чулпон, Абдулло Қодирӣ, Абдулло Авлонӣ барин даргаҳои адабиёти классикӣ, инчунин маҷмӯаҳои ёдгории намояндагони адабиёти муосир Тулепберген Қаипбергенев, Ибройим Юсупов, Александр Файнберг ҷой хоҳанд гирифт.

Шавкат Мирзиёев бо корҳои ин маҳал, лоиҳаҳо оид ба гузоштани ҳайкалҳо шинос гардид. Таъкид кард, ки дар шафати ҳайкалҳо лавҳаҳо гузошта шуда, аз тариқи сабти овоз дар бораи ҳар як адиб садо додани маълумоти мухтасар, шароити ногузир барои маросимҳо бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти онҳо ногузир аст. Дар бобати оро додани гунбази ҳайкали Алишери Навоӣ, ободонии ҳудуд супоришҳо дод.

Дар шафати Хиёбони адибон музейи Тошканд ташкил мегардад. Музей дар собиқ бинои намоишгоҳи маданият ва санъати Ӯзбекистон фаъолияташро шурӯъ мекунад. Дар айни ҳол таъмири бинои мазкур ба поён мерасад.

Ин музей, ки шуъбаи Музейи давлатии таърихи Ӯзбекистон мегардад, таърихи шаҳри Тошкандро аз давраи қадим то асри XVI, ки бо номҳои Шош, Чоч, Бинкант, Бинокат маълум буд, фаро хоҳад гирифт. Дар музей экспонатҳои нодир аз давраҳои таърихӣ, манбаъҳои гаронбаҳо доир ба шаҳри Тошканд дар асоси экспозитсияҳои аёнӣ инъикос меёбанд.

Аз ҷумла, дар ошёнаи якум макети электронии Тошканди қадим ҷойгир карда мешавад. Тамошобин аз тариқи ин макети электронӣ аз чигунагии Тошканди қадим, ҷараёнҳои инкишофи шаҳр тасаввурот ҳосил менамояд. Дар ошёнаи дуюм экспозитсияҳои давраҳои гуногун ҷой хоҳанд гирифт.

Умуман ин музей нафақат дар ҳамдиёронамон, балки барои сайёҳони хориҷӣ низ аҷиб гардида, ба сифати макони нави сайёҳӣ дар васеъ тарғиб намудани ҳувияти миллии мардумамон аҳамияти муҳим касб менамояд.

Роҳбари давлат бо лоиҳа оид ба консепсияи музей шинос гардида, дар заминаи ғанӣ сохтани мазмун ва моҳияти он фикрҳои худро иброз намуд.

– Таърихи Тошканд, мероси алломаҳои он ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст. Ин макон аз лиҳози илмӣ асоснок гардонда шуда, гузаштаи бузурги шаҳрро ба ҷавонон, меҳмонон бояд ёдрас намояд, – гуфт Президент.

Дар заминаи Боғи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ боғи маданият ва истироҳате барпо мегардад, ки ба технологияи замонавӣ ва баланд асос меёбад.

Президент сохтмони боғи истироҳатро низ аз назар гузаронд.

Дар консепсияи боғи мазкур ба омезиши анъанаҳои меъмории миллӣ ва шаҳрсозии замонавӣ эътибори алоҳида нигаронда шудааст. Лоиҳа якҷоя бо ширкати «Sanderson group»-и Австралия бунёд мегардад. Ин ширкат дар лоиҳакашии беш аз 50 боғи замонавии ҷаҳон иштирок намудааст.

Ба роҳбари давлат дар бораи ҷараёни татбиқи лоиҳаи мазкур маълумот дода шуд.

Ҳудуди боғ аз 21 гектар иборат буда, дар ин ҷо барпо намудани намунаҳои дурдонаҳои меъмории ҷаҳон, амфитеатр ва фаввораи мусиқӣ, аттраксион ва объектҳои истироҳати оилавӣ, марказҳои бузурги савдову шод, маконҳои маросимҳои тантанавӣ дар намуди коху сарой, қаҳвахонаи бачагона ва масканҳои дигар дар назар дошта шудааст.

Бо мақсади таъмин намудани покизагии ҳудуд ба ин ҷо шоҳбулут, қарағай, сафораи ҷопонӣ, магнолия, булут, санавбар барин дарахтони софкунандаи ҳаво ва ғанисозандаи оксиген, бутаҳои гуногун кишт карда мешаванд. Дарахтҳои 70 ва 100-сола нигоҳ дошта мешаванд.

Бинобар қарори Девони Вазирон аз 4 сентябри соли 2017 корҳои бунёдкорӣ дар ду марҳала анҷом дода мешаванд.

Дар марҳалаи аввал дар 9 гектар корҳои сохтмону ободонӣ анҷом дода мешавад. Океанариуми замонавӣ, амфитеатр барои 650 ҷой, қасри 57 метрӣ, фаввораи мусиқӣ, биноҳо, маркази пӯшидаи истироҳати оилавӣ, кинотеатр, 600 ҷойгоҳи автомобилӣ барпо мегардад.

Яке аз иншоотҳои нодири боғ океанариум мебошад. Дар ин ҷо 22 аквариум бо гунҷоиши умумии 1 миллион литр барпо мегардад. Дар океанариум беш аз 20 навъи моҳӣ, ҷонварҳои баҳрӣ парвариш мегарданд.

Боз як ҷиҳати молики аҳамиятнок он аст, ки дар сохтмони биноҳои ҳудуд аз намунаҳои меъмории шаҳрҳои машҳури ҷаҳон, мисли Барселона, Париж, Маскав, Лондон, Амстердам, Рим, Венетсия, Прага, Вена, Берлин истифода мегардад. Дар ҳудуд таомҳои хоси шаҳрҳои мазкур ва шириниҳои онҳо пухта шуда, муҳити ба онҳо хос ба вуҷуд оварда мешавад.

Дар марҳалаи дуюм дар 12 гектар аттраксион, аквапарк ва сайргоҳҳо бунёд мегарданд. Аз нусхаҳои паркҳои аттраксиони «Диснейленд»-и машҳури ҷаҳон истифода мегардад. Аттраксионҳои замонавии сохти Италия, Олмон ва ИМА оварда мешаванд.

Кӯли ҳудуди Боғи миллӣ низ ҳоло таъмир мегардад.

Роҳбари давлат дар бобати дар давоми сол фаъол будани боғи истироҳат, ба вуҷуд овардани имконияти васеъ барои истироҳати оилавии одамон супоришот дод. Таъкид гардид, ки дар боғ макетҳои обидаҳои қадимии шаҳрҳои мисли Самарқанд, Бухоро, Хева гузошта шуда, муҳим аст, ки таваҷҷӯҳи ҷавонон ва сайёҳон ба таърих зиёд карда шавад.

Бунёд гардидани лоиҳаи мазкур барои бо сифат ташкил намудани истироҳати маданӣ ва бо мазмун гузаронданн вақти холии одамон муҳим буда, ҷозибаи сайёҳии шаҳри Тошкандро зиёд менамояд.

Дар ин ҷо бо ҳокимони ноҳияҳои шаҳри Тошканд мулоқот ба вуҷуд омад.

Самтҳои муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳри Тошканд муҳокима гардид.

Хулосаҳои мутасаддиён аз ҷамъомади видеоселектор доир ба иҷрои андозаҳои Буҷаи давлат ва дар маҳалҳо инкишоф додани соҳибкорӣ, ки 8 январ баргузор гардида буд, дар бобати таъмини онҳо нақшаҳо шунида шуданд.

Қайд гардид, ки ҳокимони ноҳияҳо дар пайи ҷалб намудани сармоя, ба кор андохтани лоиҳаҳои нав, ба вуҷуд овардани шароити муносиб ба соҳибкорон, мустаҳкам намудани буҷаи маҳаллӣ ва афзудани даромади одамон ҳамеша дар ҷустуҷӯ бояд бошанд.

Дар бобати ривоҷ додани соҳаи иҷтимоӣ, шабакаҳои сохтмон ва коммуналӣ, барои аҳолӣ ва сайёҳон боз ҳам инкишоф додани шароити муносиб ва вазифаҳои муҳим барои оянда муайян гардиданд.

Ҳамон рӯз Шавкат Мирзиёев ба Қабулхонаи халқи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шаҳри Тошканд низ ташриф овард.

Мулоқот бо халқ, ки ҳалқаи асосии сиёсати роҳбари давлат ба шумор меравад, манфиати аҳолиро таъмин намуда, боварии одамонро ба ҳаёт ва давлат мустаҳкам мегардонад.

Ба қарибӣ дар бинои дуюми шоҳкӯчаи Бунёдкори шаҳри Тошканд бинои нави Қабулхонаи халқ ба баҳрабардорӣ супурда шуд. Дар ин ҷо барои қабул намудани шаҳрвандон хона, шохобчаи Маркази хидматҳои давлатӣ, идораи ташкилоти ғайридавлативу ғайритиҷоратии хидмати бепули ҳуқуқии «Мадад», психолог, хидмати тиббӣ, хонаи модару кӯдак, буфет, толори интизорӣ барои шаҳрвандон мавҷуданд. Дар ин ҷо рӯзе то 200 нафар мурооҷиаткунандаро қабул кардан мумкин аст.

Дар ин ҷо барои мулоқоти бевосита бо аҳолӣ, баррасӣ намудани мурооҷиатҳо шароити замонавӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Барои ба шаҳрвандон шароити муносиб ба вуҷуд овардан шуъбаҳои соҳавӣ ташкил гаштааст.

Дар давраи гузашта ба Қабулхонаи виртуалии Президент ва қабулхонаҳои халқӣ беш аз 3 миллиону 650 ҳазор нафар мурооҷиат намуданд, ки ин барои дар ҷамъият мустаҳкам қарор ёфтани тамоили адолат то чӣ андоза молики аҳамият будани Қабулхонаҳои халқиро нишон медиҳад. Қариб ду миллион аз ин мурооҷиатҳо ҳал гардида, ба 1,5 миллион мурооҷиаткунанда маслиҳати ҳуқуқӣ дода шудааст. Ғайр аз ин, дар маҳалҳо аз ҷониби Қабулхонаҳои халқӣ дар қабулҳои сайёр бо 1 миллиону 700 ҳазор нафар шаҳрванд суҳбатҳо ташкил гардидааст. Масъулони Қабулхонаҳои халқӣ ва секторҳо хона ба хона давр зада, дар натиҷа ҳолатҳои мушкили 988 ҳазор ҳаллу фасл гардидааст.

Роҳбари давлат шароитҳои Қабулхонаи халқиро олӣ арзёбӣ кард.

– Ҳар касе, ки ба ин ҷо меояд, ба тамоми саволҳо ҷавоб бояд бигирад ва дар ин бобат Тошканд намуна бояд гардад, – гуфт Президент.

**Матназар ЭЛМУРОДОВ,**
**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Умар АСРОРОВ,**
**хабарнигорони ЎзА.**

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# ДАР ОЗАРБОЙҶОН КИТОБ ДАР БОРАИ ӮЗБЕКИСТОН ЧОП ШУД

***Дар Озарбойҷон китобе таҳти унвони «Ҷаннати байни ду дарё» дар бораи Ӯзбекистон ба забони озарӣ нашр гардид.***

Муаллифи китоб журналисти Оҷонсии иттилоотии Озарбойҷон – «Ҳафта ичи» В. Тагибейли мебошад, ки моҳи августи соли 2018 бо ҳамкори худ, хабарнигори нашрияи «The First News» П. Султонов иштирокдори медиасаёҳат дар саросари кишвари мо буд.

Дар китоб муаллиф хонандагонро бо таърих ва пешрафти кунунии Ӯзбекистон, имкониятҳои иқтисодӣ ва сайёҳӣ, маданият ва мероси мардуми он ошно мекунад.

Муаллиф дар асараш ба сифати роҳбалад шаҳру ноҳияҳо, иқлиму табиати мамлакат, ҷойҳои диданӣ ва мардуми онро тавсиф менамояд.

Дар китоб мероси ғановатманди таърихӣ, маданӣ ва маънавӣ, ки осори гузаштагони бузурги халқи ӯзбек ба шумор мераванд, инъикоси худро ёфтаанд, ёдгориҳои меъморӣ ва зиёратгоҳҳои вобаста ба дини ислом тасвир мешаванд.

Муаллиф хонандагонро ҳамчунин бо тамаддун ва анъанаҳои бостониву нодири мардуми Ӯзбекистон ошно мекунад. Вай онҳоро ба устохонаҳои ҳунармандон, ки бинобар анъанаҳои чандинасрина асарҳои зебои санъати миллиро меофаранд, раҳнамоӣ мекунад. Дар байни онҳо маснуоти зардӯзӣ, кулолӣ, сӯзаниҳо, сару либосҳои миллӣ ва намунаҳои дигари эҷодиёти халқӣ мавҷуданд.

Воқеънигори озарбойҷонӣ ба урфу одатҳо таваққуф намуда, дар бораи таомҳои миллии ӯзбек, ки бо таъм ва гуногунрангии худ тафриқа доранд, мутаҳаййирона сухан мегӯяд. Вай меҳмоннавозӣ ва кушодадилии мардуми Ӯзбекистонро таъкид менамояд.

Китоб дар доираҳои ҷамъиятиву фарҳангии Озарбойҷон хуш қабул гардид.

Чунончи, **доктори илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи «Робитаҳои адабии озарбойҷониву туркманиву ӯзбекистонӣ»-и Пажӯҳишгоҳи адабиёти ба номи Низомии Ганҷавии Академияи миллии илмҳои Озарбойҷон Алмаз Улви Биннатова** менависад, ки китобхон он эҳтироми ҳайратеро, ки муаллиф дар кишвари мо аз сар гузаронидааст, зуд эҳсос мекунад. Бинобар ақидаи ӯ ин табиист, зеро кишвар ва халқҳои мо қаробати таърихӣ, забонӣ ва фарҳангӣ доранд.

– Китоби «Ҷаннати байни ду дарё»-и Вусал Тагибейлиро метавон ба сифати хотираҳои сайёҳ қабул кард, зеро муаллиф дар он таассуроташро аз буду бошаш дар Ӯзбекистони афсонавӣ бо хонанда ба ҳам мебинад. Баробари ин, бояд қайд кард, ки ҳангоми иншои ин асар журналист аз адабиётҳои иловагӣ, ки дар онҳо имкониятҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва маданиву таърихии минтақаҳои мухталифи Ӯзбекистон сабт шудаанд, истифода бурдааст. Ин ҷиҳат китобро аз нуқтаи назари мазмун хеле ғанӣ гардонидааст. Мехостам бо эътимод изҳор намоям, ки асари мазкур барои ҳамватанони ман, ки орзуи шиносоии бештар бо Ӯзбекистони бародар доранд, китоби муфид ва даркорӣ аст, – мегӯяд ӯ.

**Муовини раиси Бунёди эҷодиёти Озарбойҷон, директори иҷрогари Ҷамъияти дӯстии «Озарбойҷон – Ӯзбекистон» Зенфира Қодирова** изҳор дошт, ки вай 19 сол дар мамлакати мо зистааст ва онро Ватани дуюми худ мешуморад.

– Саҳифаҳои китобро мутоила карда, ман ҳамроҳи муаллиф дар кӯчаҳову хиёбонҳои фароху зебои Тошканди нозанин қадам задам. Зеро дар асар номҳои барои ман азизу қарин, аз ҷумла, Чорсӯ, Бешёғоч, Ӯрда ва амсоли онҳо зикр шудаанд. Самарқанди мухташам, кӯчаҳо ва мардуми он низ муфассал қайд мешаванд. Ман бо муаллиф дар он гуфтааш ҳамақида мебошам, ки ҳар каси ба ин шаҳр як бор сафаркарда мехоҳад боз такрор-такрор аз шукӯҳу азамати он баҳравар гардад. Ман худ чандин бор ба Самарқанд рафтаам, он қалби маро забт кардааст, замоне ман низ дар бораи ин шаҳр гузорише барои радио омода карда будам.

Ман ин китобро мехостам шиносномаи Ӯзбекистон унвон диҳам. Фикр мекунам, то имрӯз дар Озарбойҷон китобе, ки дар он ин қадар санадҳои дақиқ, маълумотҳои ҷуғрофиву таърихӣ дар бораи Ӯзбекистон навишта шуда бошад, вуҷуд надошт, – мегӯяд вай.

Мувофиқи маълумоти сафоратхонаи Ӯзбекистон дар Боку, муаррифии китоби В. Тагибейлӣ рӯзҳои наздик дар доираи ҷамъомади ҳарсолаи роҳбарият ва аъзои Ҷамъияти дӯстии «Озарбойҷон – Ӯзбекистон» баргузор мегардад.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри БОКУ.*

14 январ –
Рӯзи ҳимоятгарони Ватан

# ТАКЯГОҲИ ВАТАН ШАВЕМ

***Осоиштагӣ неъмати бебаҳост. Ба ин хотир, инсоният мудом тарафдори осоиштагӣ мебошад. Орзуи мо хотирҷамъ хуфта, бо хушдилӣ бедор шудан ва дар диёри осоишта ба сар бурдан аст. Ҳар дафъа ҳангоми дуо кардан осоиштагиву хотирҷамъии халқу ватанро таманно мекунем. Дар ин лаҳза ҳарбиёни мо низ, ки тинҷиву осоиштагии халқро таъмин намуда, дахлнопазирии сарҳадҳои мамлакати моро мустаҳкам ҳимоя мекунанд, ба ёд меоянд.***

Дар чорабиние, ки дар арафаи Иди ҳимоятгарони Ватан таҳти мавзӯи «Ман такягоҳи Ватани худ мебошам» бо ҳамкории Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ ва Ҷамъияти тарғибгарони «Маърифат» баргузор гардид, дар ҳамин хусус сухан рафт.

Дар чорабинӣ, ки ҳарбиёни ифтихорӣ, муаллимон ва донишомӯзони литсейҳои ихтисосонидашудаи соҳа иштирок карданд, тарғиботчиёни ҷамъияти тарғибгарони «Маърифат» – сармуҳаррири маҷаллаи «Жаҳон адабиёти» А. Мелибоев, дорандаи ордени «Фидокорона хизматлари учун» Ш.Ёрматов, Артисти хизматнишондодаи Ӯзбекистон Р.Ярашева дар бобати нақши бемисли ҳарбиён дар осоиштагиву фаровонии мамлакати мо сухан карданд. Таъкид гардид, ки дӯст доштани Ватан, эъзоз кардани ҳар як ваҷаб хоки он, аввало аз ба тинҷиву осоиштагии кишвар ҳисса гузошта, барои аз ҳар гуна бухронҳои вайронкор ҳифз кардани он ҷонбозӣ нишон додан шурӯъ мешавад.

–Дар бораи дӯстдорӣ ва ҳифзи Ватан бисёр мисолҳо овардан мумкин, – мегӯяд А.Мелибоев.–Ҳангоми ба Ҳиндустон рафтан дидам, ки фурӯшанда тоқии худамонро ба мо илтимос карда фурӯхтан мехоҳад. Баъди он ки аз он каме онсӯтар рафтам, тоқиҳо ба чашмам ғариб менамуданд. Тоқат накардам, баргашта рафта, ҳамон 18 дона тоқиро харида, ба Ӯзбекистон овардам. Нахостам, ки як пораи Ватанамро дар он ҷо гузорам. Ин воқеаро беҳуда нагуфтам. Барои дар бораи Ватан навиштан «Ватан» гуфта дод задан шарт нест. Онро хомӯшона ҳам дӯст доштан мумкин. Агар як санги ба сӯйи Ватан партофшударо баргардонем, дурӯғ будани сухани барои бадномии он нигарондашударо исбот карда, ба ҷамоаи васеъ расонем, ин ҳам аз сидқи дил дӯст доштани Ватан аст.

Баромади бадеии донишомӯзони литсейи ҳарбиву академии «Мактаби Темурбекҳо», литсейи академии рақами 1-уми Тошканди Вазорати корҳои дохилӣ ба давра файзи алоҳида бахшид. Рақсҳои шодибахш дар иҷрои дастаи рақсии «Булбулча» ба ҳозирин тухфаи идона шуд. Оҳангу суруд, шеърҳои муассир қироатшуда дар бораи Ватан, замини муқаддас ва халқи азизамон ба иштирокдорони чорабинӣ шукӯҳи бетакрор, кайфияти болида, ҳисси ифтихор ва ватанпарварӣ эҳдо намуд.

Дар охири чорабинӣ аз ҷониби тарғибгарони «Маърифат» ба китобхонаи литсейи академии рақами 1-уми Вазорати корҳои дохилӣ ва литсейи ҳарбиву академии «Мактаби Темурбекҳо» китобҳо эҳдо карда шуданд.

**Дилобар МАМАТОВА,**
**мухбири ЎзА.**

**ХАБАРҲО**

## РӮЗИ ДАРҲОИ КУШОД

***Дар пойтахти мамлакатамон дар доираи моҳонаи ватанпарварӣ ба муносибати 28-солагии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ва Рӯзи муҳофизони Ватан Рӯзи дарҳои кушод баргузор гардид.***

Ӯзбекистон дар иқтидори мудофиавӣ ва мусаллаҳӣ бо яроқу техникаи ҳарбии замонавӣ, тавре мутахассисон эътироф кардаанд, байни давлатҳои аъзои ИДМ баъди Русия ҷои дуюмро ишғол мекунад, ки ин низ боиси ифтихор мебошад. Дар Рӯзҳои кушод наврасон ва ҷавонон имкон пайдо карданд ба намунаҳо аз техникаи ҳарбӣ ва силоҳҳои замонавӣ шинос гарданд ва дар хусуси тарзи истифода аз онҳо тасаввурот ҳосил намоянд.

Ҷуз ин иштирокдорон тавассути иҷрои машқҳои гимнастикӣ чӣ тавр дар обутоб будани худро ба аскарону афсарон нишон доданд. Баҷаҳое, ки бо нишон додани чусту чолокӣ дар навъҳои ҷудогонаи варзиш ғолиб омаданд, бо мукофотҳо сарфароз гардонда шуданд.

Чорабиние, ки таҳти шиори «Моҳонаи ватанпарварӣ – кафолати болоравии миллӣ» таҳти ҳамдастии Гвардияи миллӣ, Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон, Садорати посбонии шаҳри Тошканд ва маъмурияти шаҳрчаи «Ёшлик»-и донишҷӯён сурат гирифт, ба ҳозирон таассуроти хуб гузошт ва дар қалби онҳо эҳсоси ифтихорро аз иқтидори мудофиавии Ватани мо бедор намуд.

## ДАР РОҲИ РУШДИ САМАРАНОКИИ ЭНЕРГЕТИКӢ

***Аз ҷониби Вазорати энергетика таҳти мавзӯи «Дар тараққиёти иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ нақши баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ» анҷумани ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.***

Маълум, ки моҳи августи соли 2019 қарори Президент оиди дар сохтори иқтисодӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ афзун гардонидани самаранокӣ, ҷорӣ намудани техникаи энергияро сарфасоз ва чораҳои таъҷилан ривоҷдиҳии манбаъҳои аз нав барқарорсозии энергия қабул шуда буд. Барои дар амал татбиқсозии нуктаҳои ин ҳуҷҷат корҳои муҳим амалӣ мешаванд, гуфта шуд дар чорабинӣ. Бо истифода аз ҳарорати офтоб ва қувваи бод ҳосил сохтани энергияи барқ низ давра ба давра корҳо ба анҷом расонда мешаванд.

Дар доираи тадбир корхонаҳое, ки дар мавриди истифода аз фотоистгоҳҳои офтоб асбобу ускунаҳо истеҳсол мекунанд, маҳсулоти худро ба намоиш гузоштанд. Гуфта шуд аз нав кор карда шудани партов имкон медиҳад аз онҳо биогаз ҳосил карда шавад. Дар таркиби биогаз бошад, метани гази сӯзанда мавҷуд, яъне партовҳоро баъди коркард ба маҳсулоти сӯзишворӣ табдил додан мумкин.

Тӯли солҳои охир бобати барқарорсозии энергияи гармӣ ва равшанидиҳанда 82 лоиҳа ба амал татбиқ ва онҳо дар 31 корхона санҷида шуданд.

Бобати дар сохтори иқтисодӣ ва соҳаҳои иҷтимоии Ҷумҳурии Ӯзбекистон афзун сохтани самаранокӣ, ҷорӣ намудани техникаи энергияро сарфакунанда, аз нав барқарор сохтани неруҳои барқу сӯзишворӣ ва воситаҳои гармидиҳанда барномаи рушди маҷмӯӣ то соли 2030 тасдиқ гардидааст.

## МУЛОҚОТИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТ БО ҶАВОНОН

***Вохӯриҳои ҳокими вилояти Фарғона бо ҷавонон дар ҳудудҳо давом мекунад. Дар вилоят 19 ноҳия ва шаҳр мавҷуд. Дар доираи мулоқотҳо бо унвони «Ҳоким ва ҷавонон», ки аз 2 январи соли равон оғоз ёфт, баробари ҷавонони пешқадам намояндагони созмонҳои гуногун, соҳибкорон, ҷавононе, ки дар масъалаҳои шуғл ё рӯзгор ба ин ё он душворӣ дучор шудаанд, иштирок менамоянд. Дар ҳалли муаммоҳо вобаста ба масъалаҳои иҷтимоӣ низ ин гуна мулоқотҳо нақши муҳим мебозанд.***

Вохӯрии навбатӣ дар минтақаи озоди иқтисодии Қӯқанд воқеъ дар ноҳияи Учкӯприк сурат гирифт.

Роҳбари вилоят муроҷиатҳои ҷавононро бодиққат шунида, доири ҳалли саривақтии онҳо кӯмак расонданро ваъда кард. Аксарияти таклифҳо пазируфта ва баъзе муаммоҳо худи ҳамон ҷо ҳаллу фасл ёфтанд. Ҳоким баробари шунидани муроҷиати ҷавонон, дар навбати худ, ба авлоди ҷавон бо савол рӯй овард. Ҷавонон ба пурсишҳо дар мавзӯъҳои умда ҷавобҳои аниқ ва равшан гардонданд ва гуфтанд, дар барпои Ӯзбекистони нав муташаккилӣ нишон дода, ба боварии Президент ва халқи диёр сазовор мегарданд.

***

Президент Ш. Мирзиёев аснои вохӯрӣ бо ҷавонон – толибони илми маскани таълими ба номи Муҳаммад ал-Хоразмӣ таъкид сохт, ман бовар дорам, ки дар байни насли наврас писару духтарони босавод, фидокор зиёданд, ки чашмонашон «Ман ба шумо такягоҳ мегардам!» гӯён медурахшанд. Ва илова намуд: «Роҳи дурусти пешсафӣ, аз паси худ бурда тавонистан ин ибрати шахсӣ мебошад».

Ин гуна ҷавонон нафақат дар шаҳр ё маркази вилояту ноҳияҳо, балки дар деҳоти дурдаст низ зиёданд, ки баробари босавод будан ва фидокорӣ нишон додан ба боварӣ сазоворанд, дар ҳар кори пурмасъулият ибрати шахсӣ нишон медиҳанд. Дар мулоқоти «Ҳоким ва ҷавонон», ки дар ноҳияи Сӯх ба вуқӯъ пайваст, ин дигарбора ба исбот расид. Суханони роҳбари давлат дар бораи ҷавонон, ки аз оғози тағйироти куллӣ дар сиёсати давлатӣ оиди насли ҷавон дарак дод, дар ноҳияи дурдасти вилояти Фарғона ифодаи худ ёфт ва акси садо дод. Дар ноҳия бештар аз 80 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат мекунад, ки қисми муайяни сокинонро ҷавонони 16-30-сола ташкил менамоянд. Дар вохӯрӣ аз ҳамаи маҳаллаҳо намояндагон иштирок ва бо таклифу пешниҳод, саволу муроҷиатҳояшон дар масъалаҳои гуногун ба мулоқот нерӯ бахшиданд. Маълум гашт, дар ноҳияе, ки «анклав» аст, масъалаҳое, ки ҷавононро азият медиҳанд, хеле зиёд, ки марбут ба соҳаҳои таълим, тиббиёт, шуғл, гирифтани вомҳои имтиёзнок, манзил ва ғайраҳо мебошанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

10 январ ширкати авиатсионии Чин «Zhejiang Loong Airlines Co.Ltd» хатсайри авиатсионии Чэнду – Тошкандро анҷом дод.

Намояндагони ширкати авиатсионии «Zhejiang Loong Airlines Co.Ltd»-и Чин дар анҷумани байналхалқии сармоявие, ки соли 2018-ум дар Тошканд баргузор шуда буд, ширкат доштанд. Бино бар натиҷаи гуфтушунидҳо дар бораи ба роҳ мондани мулоқот бинобар ҷалби сармояи ширкатҳои сайёҳии Чин ба инфрасохтори сайёҳии мамлакати мо, муштаракона созмон додани маҳсулоти махсуси сайёҳӣ, зиёд кардани миқдори сайёҳони чинӣ, ба роҳ мондани хатсайрҳои бевоситаи авиатсионӣ муоҳида ба имзо расида буд.



## МИҚДОРИ САЙЁҲОНЕ, КИ АЗ ЧИН БА ӮЗБЕКИСТОН МЕОЯНД, ДУ БАРОБАР ЗИЁД МЕГАРДАД

Ба шарофати саъю кӯшишҳои сафоратхонаи Ӯзбекистон дар Чин ва ширкати «Zhejiang Loong Airlines Co.Ltd» 27 сентябри соли 2019 аввалин хатсайри мустақими авиатсионӣ бинобар самти Сиан – Тошканд – Сиан баргузор гардид.

Ҳайат бо сарварии роҳбари ширкати мазкури авиатсионӣ Лю И аввалин мусофирони хатсайри Чэнду – Тошканд шуданд.

– Ин парвози нахустин ва бомуваффақияти мо аз Чэнду буд, – гуфт Лю И. – Моҳи сентябри соли гузашта мо аз вилояти Сиани Чин хатсайри мустақими авиатсиониро содир карда будем. Ҳарчанд Чэнду аз Сиан дур аст, мо ба Тошканд 20 дақиқа пештар аз вақти пешбинигардида расидем. Мо ҷонибдори ба кишвари шумо ҷалб кардани бисёр сайёҳони чинӣ, ба роҳ мондани табодули саёҳатҳо дар солҳаи сайёҳӣ мебошем. Бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев аз 1 январи соли 2020 барои шаҳрвандони Чин режими бидуни раводид ҷорӣ карда шуд, ки низ аҳамияти бузург дорад. Ин омили муҳими афзудани рағбати сайёҳони чинӣ ба Ӯзбекистон хоҳад шуд.

Қайд гардид, ки ширкати авиатсионӣ хатсайрҳоро бинобар самти мазкур дар ҳафтае се бор ба роҳ мемонад.

Ширкати «Zhejiang Loong Airlines Co.Ltd» соли 2011-ум таъсис дода шудааст. Дар қароргоҳи ширкати авиатсионӣ 46 адад киштиҳои ҳавоӣ мавҷуданд.

– Хатсайрҳои нави авиатсионие, ки аз ҷониби ширкати «Zhejiang Loong Airlines Co.Ltd» кушода шуданд, ба хеле афзудани миқдори сайёҳони чинӣ мусоидат хоҳанд кард, – мегӯяд муовини раиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба рушди сайёҳӣ Улуғбек Аъзамов. – Соли 2019-ум ба мамлакати мо 54 ҳазор нафар сайёҳони чинӣ омаданд. Соли равон ду баробар афзудани нишондиҳандаи мазкур пешбинӣ карда мешавад. Алҳол дар олам миқдори сайёҳони чинӣ хеле зиёд мегардад.

Маълум аст, ки Ӯзбекистон дар чорроҳаи Шоҳроҳи абрешим ҷойгир шудааст. Сайёҳони чинӣ мехоҳанд аз шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Хива, ки дар рушди алоқаҳои тиҷоративу фарҳангӣ аз тариқи ин роҳи корвон нақши муҳим гузоштанд, боздид ба амал оваранд.

**Хуршид ҚОДИРОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**
**Суратгир: О. ҒУЛОМОВ (ЎзА).**

## ДИГАРГУНИҲОИ НИЗОМИ ТАЪЛИМИ ӮЗБЕКИСТОН

***Дар Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон нишасти матбуотии Инспексияи давлатии назорати сифати таълими назди Девони Вазирон баргузор шуд.***

Дар нишаст, ки таҳти мавзӯи «Корҳое, ки дар Ӯзбекистон оид ба баланд бардоштани сифати таълим татбиқ мегарданд ва нақшаҳо барои пешомад» баргузор гардид, натиҷаҳо бобати ба зинаи баланд бардоштани сифати таълим, назорат кардани баҳогузории холисонаи самаранокии ҷараёнҳои таълим таҳлил шуданд.

Соли 2019 дар Ӯзбекистон бори аввал рейтинги мактабҳои таълими умумӣ эълон карда шуд (reyting.tdi.uz). Дар ин ҳолат ба фаъолияти 956 мактабе, ки Вазорати таълими халқ тавсия кардааст, дар асоси 4 индикатор баҳо дода шуд. Дар рейтинги ҳудудҳо ҷойҳои аз ҳама баландро вилоятҳои Намангон, Хоразм ва Навоӣ ишғол карда бошанд, дар ҷойҳои поёнӣ Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Самарқанд ва Тошканд қайд гардиданд. Соли ҷорӣ 20 фоиз, яъне 1345 мактаб ба рейтинг ҷалб карда мешавад. Айни замон дар мактабҳо корҳои назоратӣ ва ҷараёни гузарондани пурсиши иҷтимоӣ идома дорад.

Механизми баҳогузории рейтинги муассисаҳои таълими олӣ кор карда шуд. Соли 2018 баъди бори аввал эълон гардидани рейтинги МТО аксари муассисаҳои таълимӣ ба истифодаи самаранок аз имкониятҳои мавҷуда гузаштанд ва дигаргуниҳои мусбат мушоҳида шуд. Аз ҷумла, ҳиссаи муаллимоне, ки доктори илм ё профессор мебошанд, дар соли 2019 23,6 фоиз, ҳиссаи муаллимони дорои дараҷаи номзади илм ё дотсент 19 фоиз зиёд шуд. Миқдори профессору муаллимоне, ки аз МТО-и ба рӯйхати 1000-гонаи бонуфузи дунё воридшаванда дараҷаи илмӣ гирифтаанд, дар соли 2018 128 нафарро ташкил карда бошад, дар соли 2019 ба 301 нафар расид.

Дар нишаст дар бораи тартиби нави аттестатсияи кадрҳои педагогӣ низ маълумот дода шуд.

Аз ҷумла, ба омӯзгорони мактаб берун аз навбат имкони иштирок дар аттестатсия дода шуд.

Бинобар тартиби аввала педагог ҳар қадар бомалака буда, ба дониш ва салоҳияти худ бовар дошта бошад ҳам, ба сабаби он ки дар ҳар панҷ сол ба аттестатсия ҷалб карда мешавад, аз мутахассисӣ то муаллими тоифаи олӣ бояд 13 сол вақт интизор мешуд. Бинобар тартиби нав акнун педагоге, ки ба донишу таҷрибаи худ бовар дорад, муддати панҷ солро интизор нашуда, бинобар аризаи худ аз навбат берун метавонад дар аттестатсия ширкат варзад.

Дар соли 2019 35 ҳазору 208 нафар педагог барои аз муддат пеш аз аттестатсия гузаштан бо ариза муроҷиат кардаанд. 3036 нафари талабгорон дорои тоифаи малакаи олӣ, 13 ҳазору 15 нафарашон дорои тоифаи малакаи якум будаанд.

Тартиби аз аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ гузарондани ташкилотҳои таълимӣ ҳам бо омӯзиши таҷрибаҳои пешқадами хориҷӣ такмил дода шуд. Ба муассисаҳо барои баҳогузории фаъолияти худ ва бартараф кардани камбудиҳои муайяншуда имконият дода шуд. Дар асоси тартибҳои нав дар солҳои 2020-2025 8187, аз он ҷумла, дар соли 2020 бо тартиби нав аз аттестатсия гузарондани 1911 муассисаи таълими томактабӣ пешбинӣ шудааст.

Вақте ки охири соли 2019 дараҷаи дониши донишомӯзони 357 мактаби умумии давлатии тахассусӣ ва мактаб-интернат омӯхта шуд, маълум гардид, ки дараҷаи дониш ва азхудкунии онҳо ба стандарти давлатии таълимии муайяншуда мутобиқат намекунад. Аз 12 ҳазору 790 нафар донишомӯзоне, ки дар назорат иштирок кардаанд 7 ҳазору 387 нафарашон баҳои ғайриқаноатбахш гирифтанд.

Имрӯз барои бисёриҳо тартиби наве, ки бинобар эътироф кардани дипломҳои аз давлатҳои хориҷӣ гирифташуда ҷорӣ гардидаанд, низ аҷиб аст.

Бинобар таҳлилҳои Инспексияи давлатии назорати сифати таълим дар се соли охир аризаҳо оид ба эътироф кардани квалификатсияҳои таълими олии хориҷӣ ва нострификатсия 5,3 маротиба зиёд шуд. Соли 2019 бинобар эътироф кардани ҳуҷҷатҳо дар бораи таълим гирифтан дар давлатҳои хориҷӣ ва нострификатсия ҳамагӣ 12 ҳазору 867 муроҷиат дастрас гардида, аз он 3327-тоаш қаноатбахш гардонда шуданд. Аз ҷумла, 997 диплом бидуни санҷишҳои махсус эътироф гардида, нострификатсия шудааст.

Бо назардошти таҷрибаҳои байналхалқӣ талабу дархостҳои шаҳрвандонро ба инобат гирифта, тартибҳои нав кор карда шуданд.

Ба воситаи марказҳои хизматҳои давлатӣ ва Даргоҳи хизматҳои давлатии интерфаъоли ягона барои қабул кардани муҷаввиз низоми қабули электронии аризаи муроҷиаткунанда ба роҳ монда шуд.

Дар нишаст, ҳамчунин, ба саволҳо дар бораи низоми таълими касбӣ, ҷиҳатҳои эътиборнок дар рейтингҳо, донишу салоҳияти омӯзгорон, аҳамияти барномаҳои иловагӣ ҷавоб дода шуд.

**Барно МЕЛИҚУЛОВА,**
**мухбири ЎзА.**

## САРҲИСОБИ СОЛ

***Дар маҷлисгоҳи ҳокимияти вилояти Ҷиззах муовини аввали ҳокими вилоят оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ Нодирбек Раҷабов таҳти мавзӯи «Аз нигоҳи иқтисодӣ-иҷтимоӣ рушд додани ҳудуд дар соли 2019, иҷрои барномаи маҳсулоти мевау сабзавот, корҳое, ки дар ҷодаи энергетикӣ амалӣ гардиданд, инчунин вазифаҳои истиқболнок дар соли 2020» барои ходимони ВАО брифинг гузаронд.***

Дар кишвари мо ба туфайли эълон гардидани «Соли сармоягузории фаъол ва рушди иҷтимоӣ» дар соли 2019 Барномаи давлатӣ таҳия ва амалӣ гардид. Баробари амалӣ гардидани барномаи мазкур дар як қатор соҳаҳо: иқтисодиёт, сохтмон, хоҷагии қишлоқ, хусусан соҳаи иҷтимоӣ комёбиҳои калон ба даст омаданд, – гуфт муовини ҳоким Нодирбек Раҷабов. – Қариб 450 миллиард сӯм маблағ ба тариқи кредити имтиёзнок ҷудо гардид. Аз ин 105 миллиард сӯм маҳз барои дастгирӣ намудани 11556 оилаи эҳтиёҷманд равона карда шуд.

Дар ҳудуд 443 лоиҳа ба кор даромад, ки ду триллион сӯм арзиш дорад. Бар ивази ин қариб 7 ҳазор ҷойи нави корӣ ба вуҷуд омад.

Айни замон шумораи умумии корхонаҳое, ки бо иштироки сармояҳои хориҷӣ фаъолият мекунанд, аз 150-то гузашт.

Дар «Форуми байналхалқии сармоягузории II», ки моҳи августи соли 2019 шуда гузашт, аз бисту панҷ кишвари дунё зиёда аз сад ширкати хориҷӣ иштирок намуд.

Мувофиқи супориши сарвари давлат, ки 30-31 январи соли 2019 ба вилояти Ҷиззах ташриф овард, шаҳри Гагарин ба сифати намуна гирифта шуд ва дар марказҳои ёздаҳ ноҳияи вилоят корҳои ободонӣ ҷараён гирифт, ки ҳоло ҳам идома доранд. То ин дам 50 километр масофаи хати оби ошомиданӣ, 115 километр шабакаи барқ, 75 трансформатор, 32 километр шабакаи газ, 60 нуқтаи газтақсимкунӣ, 35 километр роҳ рӯи таъмирро дид.

Бо мақсади вақти холии худро пурмазмун гузаронидани ҷавонон дар шаҳри Ҷиззах боғи экологӣ-истироҳатии «Ӯрда» аз сари нав таъмир гардид. Дар ин ҷо ду китобхона, ду ҳавзи шиноварӣ, ду майдончаи варзишӣ, роҳи велосипедгарди доирашакли дарозиаш 30 километр бунёд ёфт. Дар боғ қариб ду ҳазор бех дарахт шинонда шуд.

Дар «Маркази инноватсионии ҷавонон» ҳоло қариб панҷоҳ маҳфили забономӯзӣ ва касбу ҳунар фаъолият мекунад, – гуфт муовини ҳоким.

## БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ МУҲОФИЗОНИ ВАТАН

***Дар доираи моҳонаи ҳарбӣ-ватанпарварӣ бо номи «Ҷавонмардон Ватанро муҳофизат мекунанд!» дар полигони ҳарбии кӯҳу саҳроии «Фориш» фестивал ба амал омад. Ин фестивал бо ташаббуси якчанд идораҳои масъул баргузор гардид.***

Дар майдон ҳарбиён тимсоли Ҷалолиддин Мангубердӣ ва Амир Темурро намоиш доданд. Мусобиқаи танкчиёни ҳарбӣ сурат гирифт. Ҷавонон ҷараёни хидмати ҳарбӣ, лавозимоти ҷангӣ, нерӯю қудрати Қувваҳои Мусаллаҳро бо чашми худ диданд. Пойгаи аспдавонӣ, камонандозӣ, сангбардорӣ, ҷамъ 15 намуди варзиш доир гардид. Ҳарбиён саф кашиданд. Ин ҳама дар дили иштирокчиён, хусусан, ҷавонон нисбат ба обу хоки Ватан ҳисси эҳтиром ва муҳаббатро бедор кард. Ҳозирон барои ин қабил намоиш ва тадбирҳои маърифатӣ, ҳарбӣ-ватанпарварӣ аз Саркумондони Қувваҳои Мусаллаҳ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев изҳори миннатдорӣ карданд. Тадбирҳо идома доранд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

## РОҲИ НОҲАМВОРИ ЗИНДАГӢ

***Қандиёр боғу чорбоғи аз чиллаоб саршоршударо аз назар гузаронда қаноатманд гардид. Баъди буридани шоххои хушкида ва навдаҳои зиёдатӣ дарахтони мевадор ба чашм назаррабо метофтанд. Вай хушҳолона ба «Дамас» савор шуда, онро ба ҳаракат овард. Дере нагузашта автомобил ба роҳи мумфарш баромад. Қ. Орифов ба роҳи ҳамвор бо диққат менигаристу рӯзгори гузаштааш пеши чашмонаш падид меомад.***

Хонадони Раҷаб Ориф на фақат дар деҳаи Муғулон, балки дар музофоти Занданеи ноҳияи Пешкӯ эътибори ба худ хос дорад. Дувоздаҳ фарзанд – шаш писару шаш духтари Раҷабамаку Шафоатхола баҳри ободии диёр хизмати арзанда мекунанд. Хусусан саҳми писари калонӣ Дониёр бобати заминкушоӣ дар вилоят сазовори таҳсин аст. Вай ҳоло дар қайди ҳаёт набошад ҳам, меҳнатдӯстию садоқати ӯро мардум бо некӣ ёдоварӣ мекунанд. Фарзандонаш низ кори падарро идома медиҳанд.

Қандиёр – додари Дониёр ҳаштумин фарзанди хонадон аст. Вай баъди таҳсил дар мактабҳои тоҷикии №16 ба номи Островский ва №16 ба номи Луначарский таҳсилро дар техникуми роҳҳо ва автомобилҳои Бухоро давом дод, баъди хизмати ҳарбӣ дар фермаи бӯрдоқипарварии Галаосиё (ноҳияи Бухоро) ба кор даромад. Ҳам муҳандис, ҳам ронандаи корхона буд. Ба вай лозим омад, ки расо понздаҳ сол паси фармони «КамАЗ» нишинад.

Маҷрои зиндагӣ Қандиёр Орифовро боз ба зодгоҳаш овард. Вай ба хоҷагии фермерии «Дониёробод» асос гузошта, бо деҳқонӣ машғул шуд. Дар 20 гектар зироати пахта, дар 20 гектар зироати ғалла корида комёб шуд. Барори кор дили ӯро ба соҳаи зироатпарварӣ гарм кард. Баҳри афзоиш додани ҳосилдорӣ аз деҳқонони пуртаҷриба маслиҳат гирифт. Ба қитъаҳо пору андохта, ба маданияти деҳқонӣ пурра амал намуд. Ҳосилнокии баланд, натиҷаҳои ибратбахши пай дар пай Қ. Орифовро дар ноҳия ҳамчун сарвари хоҷагии фермерии пешқадам машҳур гардонд. Дар 12 гектар майдон боғу чорбоғ ба вуҷуд омад. Деҳқони пуртаҷриба барои муваффақиятҳои меҳнатиаш борҳо соҳиби мукофот, аз ҷумла, автомобили «Дамас» гаштааст.

Маризии қанд деҳқони меҳнатдӯстро маҷбур кард, ки бори сарвариии хоҷагиро сабуктар созад.

Вай ду сол ин ҷониб ҳамчун роҳбари хоҷагии фермерии боғу чорбоғпарварии «Раҷаб Ориф» фаъолияти меҳнатиашро давом медиҳад. 1,5 гектар боғ, 1,5 гектар себзор, 9 гектар зардолузор деҳқони корозмударо дар ивази меҳнати оқилонааш бо саховат – меваи фаровони пуршаҳдушакар шод мегардонад. Бояд таъкид намуд, ки дар ин комёбиҳо ҳамсари меҳрубони Қандиёр – агрономи маълумоти олидор, модари панҷ фарзанди соҳибилм Робия Рамазонова низ саҳми орзанда дорад. Соҳибкорон баҳри дастгирии эҳтиёҷмандон, ободии деҳа, ба фаъолият оғоз намудани муассисаи таълими томактабӣ (дорои 75 ҷой) дар деҳа низ мадади худро дареғ намедоранд. Зеро онҳо хуб медонанд: ҳосили умри инсон некию накӯкорист.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**



*Се соли охир дар кишвар ба рушди соҳибкорӣ, тавассути фароҳам овардани муҳити мувофиқи инвеститсионӣ ҷалб намудани сармояҳои хориҷӣ аҳамияти хос дода мешавад. Инро дар мисоли корҳое дидан мумкин аст, ки дар вилояти Фарғона ба амал бароварда мешаванд. Соли 2019 дар вилоят тибқи чаҳорчӯбаи 43 лоиҳаи ҳудудӣ бештар аз 350,5 миллион доллари ИМА сармояҳои хориҷӣ мустақим азхуд карда шуданд. Ин саъй ва ҳаракатҳо барои бо кор таъмин кардани аҳолӣ, фаровонии зиндагии онҳо хеле мусоидат менамояд. Дар ноҳияҳои Фурқат, Ёзёвон, Қуштеппа ва Сӯх ба қимати 108,1 миллиард сӯм 93 лоиҳа татбиқ гардид. Дар минтақаи мазкур барои аҳолӣ садҳо ҷойи нави кор фароҳам оварда шуданд. Соли гузашта дар ноҳияи Сӯх арзи вуҷуд намудани ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Сӯх капитал текс»-ро метавон ҳодисаи муҳим арзёбӣ кард. Барои истеҳсоли маҳсулоти трикотажии махсус, ки бо дастони аҳолии деҳаи Девайрон ва маҳаллаҳои дигар роҳандозӣ шудааст, аз ҷониби «Асакабанк» 4 миллиарду 470 миллион сӯм вом ҷудо карда шуд. Дар ин ҷо дастгоҳҳо ва таҷҳизоти замонавии Чин насб гардид ва бештар аз 200 нафар ҷавонони деҳот машғули кор шуданд.*

***Дар сурат: дар ҶММ «Қӯқон Байсикл».***

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

Ҳабибулло ҚОДИРӢ

## ГУЛИ КОҒАЗИН

*(Ҳикояи хурд)*

Ба фикрам, соли 1930-юм буд, ки тағоиям хонадор шуд. Аз он ки тағоиям беилму ҳунар буду фақат меҳнатро медонист, пайдо кардани арўс душвор шуд. Модаркалонам – Хонимбибӣ ба чанд дар хостгорӣ рафтанд. Ниҳоят хона ба хона гашта, аз мавзеи Қурбоқаобод духтареро пайдо карданд, ки камбағалу ятим ва бесавод буд.

Баъд аз тўй рўзе Хонимбибиям арўсро барои салом ба хонаи мо оварданд. Арўси хушрўйи ба чашму абрўвонаш ўсмаю сурмамолида, тақрибан ҳаждаҳ-нуздаҳ сол дошт, либосҳои абрешимин дар бар карда буд. Зебоӣ, сару либос ва эҳтироми дигарон ўро як андак калондимоғ карда буд. Арўс дар ҳавлӣ истода маросими «келинсалом»-ро гузаронд.

Падарам, ки дар хонааш бо эҷод машғул буд, баромада табрик гуфт ва баъд аз пурсупос бо бибиам, ба хонааш баргашт.

Баъди чойнўшӣ модарам ба ошпазӣ даромаду модаркалонам барои нафас рост кардан дароз кашид. Арўс бошад, бе ибо ва шарму ҳарос ҳамаи хонаҳоро як-як аз назар гузаронд, ҳатто сўзаниҳоеро, ки дар девор овезон буданд, гардонда дид. Дар охир ба эҷодхонаи падарам даромад, хонаро тамошо карду ба канори мизе, ки падарам рўйи он чизеро менавишт, нишаст. Ба фикрам, ў акнун мехост, бо падарам каме суҳбат кунад.

Ман аз ҳаракати озоду ҳавобаландонаи ў дар ҳайрат будам, чунки ба назди падари салобатдорам, ба хусус, вақте ки бо эҷод машғул мешуд, касе ҳадди даромадан надошт. Хонимбибиям ҳатто, ба гуфтугў бо падарам шарм медоштанд.

– Шумо навиштанро дўст медоред? – пурсид арўс аз падарам.

– Бале, дўст медорам, – бо лабханд гуфтанд падарам.

– Ҳар як кас чизеро дўст медоштааст-дия, – гуфт арўс пойҳояшро рўйи ҳам гузошта, мисле ки бо дўсти деринааш суҳбат карда истода бошад. – Акои ман либоспўширо дўст медорад. Миёнбандҳоро рўйиҳам баста, бо мўзаи пошнадор дар кўча ғарчғурчкунон роҳ рафтани ўро надидед-дия. Ҳама тамошо мекунанд. Ҳамин акоям ба Иди қурбони соли гузашта набаромад.

– Барои чӣ набаромад? – падарам қаламро, рўйи миз гузошту мисле ки ҳайрон шуда бошад, намуди ҷиддӣ гирифт.

– Бародарам хидматгори Тўлагани чармгар аст. Пеш аз ид аз хоҷааш музди меҳнати солонаашро гирифта, ба худаш сарупо харидани шуд. Ҳама чизро гирифтаасту барои миёнбандхарӣ пулаш камӣ кардааст. Тасмим гирифтааст, ки бе миёнбанд ба кўча намебарояд. Модарам тавалло карданд, ки ба ид барояд, вале набаромад. Вай якраву гарданшах аст.

– Кори хуб накардааст. Дигар миёнбанд надошт?

– Миёнбандҳои бисёр дошт. Хост ҳамааш нав бошад. Аз баста баромадани миёнбандҳои кухнааш шарм дошт.

Ҳамин вақт магарам аз суҳбати ў бо падарам огоҳ шуданд, ки Хонимбибиам оҳиста омада, бо тавозўъ «келинпошшо, ин сў биёед, кор ҳаст» гуфтанду арўсро бо худашон бурданд. Баъд аз ба ҳавлӣ баромадан, ўро хеле сарзаниш карданд.

Шабона, баъди гусели меҳмонон, мо ба падарамон нисбати арўс фикру эътирозҳоямонро гуфтем, падарам суханони моро бо лабханд шуниданд ва ба модарам гуфтанд:

– Ақлу ҳуши арўс дар ҷояш, аммо тарбия надидааст. Ў мисли гулест, ки аз коғаз сохтаандаш. Ҳусн дораду накҳаташ нест. Ба ин, дар навбати аввал оилааш айбдор аст, баъдан бесаводию бедонишӣ...

Тарҷумаи **Н.НОДИРОВА.**

Дастури оиладорӣ

*Турсуной СОДИҚОВА*

## Дуои якум

«Аз худаш пур шавад, серфарзанд шавад», чунин аст дуои нахустин, ки ба навзод гуфта мешавад. Хоҳиши банда аз Офаридгор аввало фарзанд аст, фарзанд риштаест, ки туро ба ҳаёт мепайвандад. Ў идомадиҳандаи ҷисм, ҷон, рангу бўй ва номи ту мебошад. Баробари чашмат ба кўдакат афтидан, дар дили ту ишқ, меҳру шафқат пайдо мешавад. Ҳама рангу бўй, таъму маза ва лаззати ҳаётро аз ў мегирӣ. Чун паррандае, ки ғизои даҳонашро ба чўҷааш медиҳад, аз баҳри нафс ва манфиати худ баромада, барои ҳастиятро ба ҳамин як порча гўшт бахшидан тайёр ҳастӣ. Писарам, бубин шарофати фарзандро!

Ба туфайли кўдак ту ба меҳр, парасторӣ, азият кашидану ғамхорӣ барин амалҳои бузург соҳиб мешавӣ, номи падарӣ туро ба бузургӣ, саробонӣ ба сулолаи нав раҳнамун месозад.

Дар Қуръони карим омадааст: «Ҳама чиз ба орзуву ният вобаста аст». Писарам, ният низ ибодат аст. Баробари ният кардан дар ту меҳр, шафқат дар вуҷуди ту медурахшад, ки ин нур ту ва кўдакатро ба иҷрои амалҳои нек ҳидоят мекунад. Ният ва дуои падару модар мумкин аст роҳи тақдири кўдакатро нишон дода бошад. Ба кўҳҳо нигоҳ карда аз Офаридгор хоҳони он бош, ки кўдакат ба воя расида, мисли кўҳ бовиқор ва ориятнок шавад. Ўро ба ҷодаҳои хуб ва зебои ҳаёт раҳнамун соз. Инсонҳои некро зиёрат кун, ба фарзандат номи онҳоро гузор, фотиҳаи онҳоро гир. Ба аспҳо нигоҳ карда, писаракам чавандоз шавад, ба фазоҳо чашм дўхта духтаракам мисли моҳ пурра шавад, гўй. Аз атроф инсонҳои хубро ҷустуҷў кун, то фарзандат дар қатори онҳо бошад. Дарахти сафедор шинон, то иморат созӣ. Писарам, фарзандатро инсони хуб, доно, тавоно тарбия намо, чунки ў идомадиҳандаи ҳаёт, дунёи нави ту мебошад.

## Фарзанд – як қисми ҳаёт

Баробари ба дунё омадани фарзанд аз Офаридгор пурс, ки туро муносиби номи падарӣ гардонад, ҳуқуқи маънавии падариро диҳад. Фарзандат низ дар тимсоли ту падари ҳақиқиро ёбад. Навзод як қисми нави дунёи куҳан, ту бошӣ — соҳиби он. Агар ин амалро ба хубӣ иҷро кунӣ, ҳамин қисми дунё гул-гул мешукуфад ва мардум аз ту розӣ мешавад. Агар вазифаи падариро иҷро карда натавонӣ, фарзандат ба ҷамъият чун бемор ворид мегардад. Ба туфайли тарбияи нодуруст як порчаи дунё зарар мебинад ва зараркунандаи он ту мебошӣ.

Дуруштӣ, бо овози баланд гап задан хоси мардҳо аст. Бояд донӣ, ки ба бача «Ҳа, ин ҳоло кўдак, чиро мефаҳмад?» гуфтан нашояд, чунки ў низ соҳиби таҳлил, тафаккур ва идрок аст. Эътибор дода бошӣ, кўдак ба ҳама даст дароз карда намеравад, ба касе, ки хушаш омадааст, табассум мекунад, механдад. Эътирози худро ба атроф ба воситаи гиряву инҷиқиҳояш баён месозад. Дар ҳама гуна ҳолат худро ба тартиб андохта ба кўдак муносибати хуб бояд кард.

Писарам, худат гўй, кай вазъиятҳое шудааст. ки ту бо сабаби озурдагӣ намехоҳӣ ба хона дароӣ? Ҳамон вақте ки падару модарат ба аспи ҷаҳл савор шуда, якдигарро носазо гуфта туро низ танбеҳ додаанд. Ҳамин тавр не? Ҳамон ҳолатҳоро ба ёд оварда, ба фарзандат эҳтиёткорона муносибат кун. Дар хотир дор, бачае, ки аз волидайнаш муносибати хуб надида ба воя мерасад, ў ба одами ҷоҳил, бемеҳр табдил меёбад, ки аз ин тоифа фақат бадбахтӣ паҳн мегардад. Мардеро, ки худро идора карда наметавонаду ба сари ҳамсараш мушт мебардорад, бо суханҳои қабеҳ ўро озор медиҳад, дурустакак назорат кун. Аҳволи аз дасти ў озордидагонро бин ва як лаҳза ба ҷойи ў худатро гузор ва тасаввур кун, ки фарзандат ин манзараи нохушро дида истодааст. Писарам, агар дар ҳузури фарзандат як маротиба ба чунин нохушӣ роҳ диҳӣ, бидон, ки насиҳати ту ба ў нафъе надорад. Ў дар дил ба суханҳои ту механдад, туро ҳурмат намекунад. Аз чашмонаш дарк мекунӣ, ки мегўяд: «Худат чӣ?» Агар бачаи худатро тарбия додан натавонӣ, он гоҳ ту кистӣ?

Тарҷумаи **С. БЕКНАЗАРОВА.**

# Ҷаҳони зан



## ҲУСНИ ЗАН ДАР ИФФАТУ ПОКӢ БУВАД

Зан ҳамсари меҳрубон ва дўсти беҳамтои мард бояд бошад. Худованд баъди мардро офаридан аз паҳлўи чапи ў занро офарид. Аз ин сабаб зан баъди оиладор шудан аз падару модар ҷудо шуда, бо ҳамсари худ ҷуфт шуда зиндагӣ мекунад. Зан бояд фарзандони солимро ба дунё оварда, онҳоро барои ояндаи халқу Ватан тарбия кунад. Баъзе занҳо ҳастанд, ки соҳибмаърифат буда, тинҷию осиштагии оиларо аз ҳама чиз боло мегузоранд. Ин гуна занҳо ҳурмату эҳтироми ҳамсари худро ба ҷо гузошта, хизмати ўро мекунанд. Фарзандони солим ба дунё оварда, тарбияи хуб медиҳанд. Ҳар яки мову шумо хуб медонем, ки зиндагӣ аз пастиву баландӣ иборат буда, талхиву шириниҳо дорад. Зани оқилаю доно бояд ба ҳамаи инҳо сабр намояд. Зеро зару зеварро ёфтан мумкин аст, вале ору номусро, ки аз даст рафт, баргардонда намешавад.

Зан аввало бояд модар будани худро фаромўш насозад. Тавассути телевизион мо борҳо шоҳиди он гаштаем, ки баъзе занон аз кўдакони навзоди худ даст кашида, онҳоро дар кўчаҳо партофта мераванд ё баъзеашон қотили фарзанди навзоди худ гаштаанд. Ҳатто ҳайвон аз фарзанди навзоди худ даст намекашад, онро парвариш намуда, барои ба воя расиданаш мубориза бурда, муҳофизат менамояд. Дар ҷомеа занҳое низ вомехўранд, ки баҳри сарвату боигарӣ аз фарзандони худ даст мекашанд. Албатта, панҷ панҷа баробар нест мегўяд, халқи мо.

Мутаассифона, дар рўзҳои охир баъзе занон барои ба даст овардани сарват ба кишварҳои хориҷа сафар карда, ба доми одамфурўшони худонотарс гирифтор шуда, аз оилаҳои худ ҷудо гардида, ҳаёти худро барбод сохта истодаанд. Ҳамчунин заноне ҳастанд, ки ба мақсади ба даст овардани боигарӣ бо хариду фурўши ғайриқонунии моддаҳои нашъаовар машғул шуда, умри худро паси панҷара гузаронда, хазон мекунанд.

Тоифаи занҳою духтароне низ ҳастанд, ки ба ҳар гуна гурўҳҳои экстремистӣ аъзо шуда, ҳаёти худ ва ҳазорон аҳолии тинҷу осиштаро зери хатар мегузоранд, ки ин яке аз муаммоҳои ҷиддии ҳаёти имрўза ҳисоб меёбад. Худ фикр кунед, агар зан даст ба куштор занад, бо танфурўшӣ ё бо хариду фурўши моддаҳои нашъаовар машғул гардад, пас ин гуна занҳо чӣ тавр фарзанди солимро ба дунё оварда тарбия мекунанд?

Айни замон дар ҷомеа занҳо ва духтароне, низ ҳастанд, ки ба нўшидани машрубот, кашидани тамоку руҷўъ доранд. Ин хел занҳоро чӣ тавр тарбиятгари насли наврас шумоstatic мумкин?

Занҳое, ки даст ба корҳои ношоям мезананд, аввало дар оила тарбияи дуруст нагирифтаанд. Пас, модоме, ки зан худ тарбияи дуруст нагирифтааст, чӣ гуна фарзанди солим тарбия мекунад?

Зан бояд сараввал қадри шавҳари худро донистa, хусуру хушдоманро ҳурмат кунад. Худписанд набошад, вагарна ин чиз боиси бадбахтии ў мегардад. Доимо дар пайи тинҷию осиштагӣ ва устувории оила ҳаракат кунад ва аз паси тарбияи насли наврас гардад. Зеро тарбияи фарзанд қарзи муқаддаси ҳар як зан-модар аст. Бояд гуфт, ки зане, ки тинҷию осиштагии оиларо аз ҳама боло мегузорад, ҳеҷ гоҳ даст ба корҳои ношоиста намезанад.

Дар бораи занон бисёр шоирону нависандагон шеъру асарҳо эҷод кардаанд. Ҳамаи онҳо ҳусни занро дар иффату покӣ донистаанд. Зан, ки рамзи ишқ, меҳр ва муҳаббати инсонист, бояд ба ин лоиқ бошад.

Барои ба дунё овардани кўдаки ҳаматарафа солим ва тарбияи он модари ҷисмонан ва маънан солим чун обу ҳаво зарур аст.

**Нуриддин ХОЛИҚОВ,**
**омўзгори мактаби рақами 67,**
**ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**



*Имрўзҳо Фирўза Ҷабборова дар мактаб-интернати давлатии таълими умумии 4-уми ихтисосонидашудаи шаҳри Тирмиз аз фанни забон ва адабиёти ўзбек дарс медиҳад. Соли гузашта шогирдаш – Мухлиса Шоймардонова сазовори Мукофоти давлатии ба номи Зулфия гардид. Шогирдони зиёдаш дар олимпиадаҳои фаннӣ иштирок карда, соҳиби ҷоизаҳо мегарданд. Дар озмун-азназаргузарониву мусобиқаҳо ширкат варзида ғолибиро ба даст меоранд. Худаш ҳам оромиро намедонад. Дар корҳои ҷамъиятӣ фаъол мебошад. Дар озмун-азназаргузаронии «Муаллими беҳтарини сол», «Беҳтарин мактаби китобхон» иштирок намуда, дониш ва маҳорати худро мустаҳкам намуд. Соли ҷорӣ дар зинаи ҷумҳуриявии озмун-азназаргузаронии «Беҳтарин муаллими фанни сол» фаъол иштирок кард.*

***Дар сурат:* Фирўза Ҷабборова** *дар ҷараёни дарс.*
***Суратгир:* Ҷ. ҚЎЗИМУРОДОВ (ЎзА).**

## ХАБАРНИГОР МЕШАВАМ

### барои ин хеле бояд хонам ва таҷриба ҳосил кунам

Боиси хурсандист, ки дар ин рўзҳо як гурўҳ донишҷўёни гурўҳи тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона бо расонаҳои гуногун, аз ҷумла, рўзномаҳои “Овози тоҷик”, “Садои Сўх”, ширкати садо ва симои вилоят ва амсоли он аз наздик ҳамкорӣ мекунанд. Талоши онҳо баҳри ин аст, ки баъд аз хатми донишгоҳ худро ба кори рўзноманигориву журналистика ва матбуот низ бипайванданд. Аз ҷумла ман низ аз ин гуна шефтагони касбу кори хабарнигорӣ мебошам. Баробари таҳсил дар донишгоҳ бештари вақти худро дар ширкати радио ва телевизиони вилоят мегузаронам, то ки таҷриба андўзам.

Вақте ки хонандаи мактаби таҳсилоти ҳамагонии деҳаамон – Шарқобод будам, устодам Аҳлиддин Арслонов дар бораи шаҳри зебову беназири Фарғона, бузургон ва шахсиятҳое,ки дар ин куҳаншаҳр зисту эҷод кардаанд, нақл мекарданд. Барои духтарони деҳоти мо тавассути посгоҳҳои марзии байни Ўзбекистону Қирғизистон равуо ба маркази вилоят кори содае нест. Бо вуҷуди ин орзу мекардам, ки зуд-зуд ба ин шаҳр оям.

Дар ҷавонӣ ба фанни забон ва адабиёт, шеърхонӣ завқи баланд доштам. Зимни таҳсил дар коллеҷи агросаноати ноҳияи Сўх низ ин шавқу рағбатам афзуд ва тасмим гирифтам, ки ҳатман ҳаёти ояндаи худро ба ин ришта хоҳам баст.

Вақте ки дар курси аввал мехондам, хабар ёфтам, ки дар хонаи эҷодии радио ва телевизиони вилоят дарси маҳорати журналистони ҷавон фаъолият мекунад. Ҳангоми таҳсил як соли пурра аз журналистони собиқадор сабақи журналистӣ гирифтам. Имрўзҳо дар барномаҳои радио ва телевизиони бахши тоҷикии вилояти Фарғона фаъолиятамро идома медиҳам. Орзуи давраи мактабхониам оҳиста-оҳиста ҷомаи амал мепўшад.

**Хиромонбону ҶАМОЛОВА,**
**донишҷўи гурўҳи тоҷикии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона.**

## «ЭЙ ДУХТАР, ҶОНАМ, ДУХТАР...»

Сурудҳои маросими тўй аз тўйхабарӣ, тайёрӣ, ҷудоӣ ва фироқ, тантанавӣ, табрикӣ, рақсӣ ва ҳаҷву ҳазл иборат буда, мувофиқи давру замон суруда шудаанд.

Дар деҳаҳои дурдасти қаторкўҳҳои Нурато сурудҳои арўсӣ ҳоло ҳам мазмуну моҳияти қадимаи худро гум накардаанд. Сурудҳои ҷудоӣ ва фироқ ҳангоми ба шавҳар додани духтар бисёртар иҷро карда мешаванд. Ҳангоми гусел кардани арўс дугонаҳо ба арўсшаванда муроҷиат намуда, таъкид мекунанд, ки ў мўяшро шўяд, бофад ва ба рафтан тайёр шавад. Духтар аввал ин таклифро қабул намекунад ва хонаи падарро беҳтар мешуморад. Дугонаҳо низ майлу хоҳиши ўро ба назар гирифта, ўро дастгирӣ мекунанд:

Дугонаҳо:
*Гуларўсак сарата боф,*
*ҳозир вақти рафтан аст,*

Арўс:
*Сарама намебофаме,*
*хонаи бобом беҳтар аст.*

Дар сурудҳо мақсад, орзуву ният ва майлу хоҳиши мардум ифода ёфтааст. Чунончи, ҷўраҳои домод ҳангоми талабидани арўс аввал ба модар, баъд ба падар, хоҳару додар ва дигар хешу пайвандони арўс муроҷиат мекунанд, ки арўс тезтар аз хона бароварда шавад:

*Барор, барораш мегум,*
*Очаш барораш мегум.*
*Дили очаш намешавад,*
*Апаш барораш мегум.*
*Дили апаш намешавад,*
*Тағош барораш мегум...*

Баъд барои гирифтани ризомандии модар:

*Очаш, ба ту мегум, духтарта бурор,*
*Дилат, ки намешад, домодта биёр,*

гўён домодро таги дар меоранд. Ҳамаи ин« кашмакашу талош» барои розӣ кардани арўс ба кор бурда мешуд, зеро духтараки бечораро аксаран ба ягон шахси ношиносаш бо зўрӣ ба шавҳар медоданд, ки вай аз ночорӣ ба тақдири худ тан дода, ошкоро изҳор мекард, ки пеш-пеши марди ношинос на бо амри дил, балки бо зарби калтак ба роҳ медарояд:

*Пеш-пеши мардак меравам,*
*Бо зарби калтак меравам.*

Ин гуна сурудҳо тарзи зиндагӣ, фикру андеша, ақлу заковат, ҳасби ҳол, доноиву зиракӣ ва дарду алами занони ҷамъияти феодалӣ, муносибати онҳоро ба ин беҳуқуқиву нобаробарии замони худ нишон медиҳанд.

Дар чунин ҳолат модар ба тасаллидиҳӣ медаромад ва таклиф мекард, ки духтар дар рўзи тўяш бояд хурсанду шод бошад, ягона таскиндиҳандаи дили духтарони аз тақдири худ норизо гўё қалин ва маҳри онҳо буд. Модар ўро тасаллӣ медод:

*Эй духтар, ҷонам, духтар,*
*Нури чашмонам, духтар.*
*Пагоҳ тўята меоранд,*
*Ба вақти хуш мерӣ, духтар.*

Дар баъзе мавридҳо барои осуда кардани дили арўс ҳофизон ба таърифи домод шурўъ мекунанд:

*Шаҳи мо нағзак аст,*
*Чун гули чормағзак аст.*

Чунонки мебинем, дар сурудҳои ҷудоӣ ва фироқ модар ягона шахси ғамхор тасвир ёфтааст. Вазифаи ў аз розӣ кардан ва моил намудани дили духтар иборат аст. Вай бо як ҳисси модарона, навозишкорона ва боифтихор изҳор мекунад, ки духтари аз барги гул нозукашро ба марди номуносиб намедиҳад:

*Духтарам хуб духтар аст,*
*Аз барги гул нозуктар аст.*
*Ба як ҳазор намедиҳам,*
*Ба ду ҳазор намедиҳам.*
*Ба раҳи дур намедиҳам,*
*Ба марди пир намедиҳам.*

Аз хонаи падару модар рафтани духтар боиси ғамгинии аҳли оилаи ў ва гиряи модар мегардад. Дар ин лаҳза сароядаҳо чунин месароянд:

*Арўсама бин равон шуд,*
*Очаи арўс гирён шуд...*

Ин мазмун дар сурудҳои мардуми деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато чунин сурат мегирад, ки дар он ҳам шодиву тантана ва ҳам зўрию ҳазлу шўхӣ ифода меёбад ва ба тариқи ҳазл овози гиряи арўсро тақлид мекунанд:

*Имрўз соати Худо,*
*Келина тед, э, қудо.*
*Келин азони моён,*
*Ҳақ надоред, қудоён.*
*Келин мебарем моён,*
*Гирён монед шумоён.*
*Ҳу, ҳу, ҳу...*

Аз пайи ин мавзўъ суҳбат намудан хеле доманадор аст ва ба фикри мо мавзўи кухна нест. Тавассути ин гуна суҳбатҳо хонанда анъана, урфу одат ва арзишҳои дури мардумиро фаромўш намекунад.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
*деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато.*



*Севара аз 9-солагӣ ба машғулоти ҷанги дастӣ иштирок кард ва бо чусту чолокӣ эътибори устодонро ба худ кашид. Аз ин шаш сол муқаддам мактаби таълими умумиро хатм карда, ба риштаи корҳои бонкии коллеҷи иҷтимоию иқтисодии Тирмиз ҳуҷҷат супурд. Асрори касби дўстдоштаашро амиқ омўхт. Аз варзиш низ дур нагашт. Барои аз устодаш Баҳодур Турсунов боз ҳам амиқтар омўхтани асрори ҷанги дастӣ вақт пайдо кард. Асное дар курси дуюми коллеҷ мехонд, бори шашум чемпиони Ўзбекистон гардид. Соле, ки коллеҷро хатм мекард, дар чемпионати Осиё, ки дар Тошканд баргузор шуд, иштирок намуд. Айни замон Севара Мардонова чун ходими садорати корҳои дохилии вилоят ният дорад дар ҷанги дастӣ қуллаҳои боз ҳам баландтарро забт намояд.*

***Дар сурат:*** *ходими гурўҳи таъмини тадбирҳои карантинии хидмати патрулу пост ва ҳифзи тартиби ҷамоатии шуъбаи вилоятии ВКД* ***Севара Мардонова***.

***Суратгир: Ҷ. ҚЎЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

*Андешаҳо*

# «ҚАВМ РӮШАН АЗ САВОДИ САРГУЗАШТ...»

Баъзеҳо навиштаҳои инҷонибро мутолиа намуда эрод мегиранд, ки забони мушкил дорам, дар баёни матлаб вожаҳоеро ба кор мебарам, ки барои фаҳмидани маънии онҳо бояд ба фарҳанг ё шахси донишманде муроҷиат кард. Натиҷагириҳояшон дуруст аст. Аммо ба андешаи кӯтоҳи инҷониб вожаҳои ҳар як забон доройии онанд, агар дар забони меъёрӣ мавриди корбурд қарор нагиранд, соҳибзабонон намедонанд, ки онҳо чӣ маънӣ доранд. Ҳоло дар тамоми нуқтаҳои Осиёи Марказӣ тоҷикон фикри худро дар доираи забони меъёрии солҳои 60-70 баён карда метавонанд. Чаро? Зеро забони форсии тоҷикии меъёрӣ ё адабии қарни XX дар мактабҳои таълими ҳамагонӣ, донишкадаву донишгоҳҳо ва матбуоти даврӣ тӯли қариб як аср кор хӯрд. Мо бар онем, ки забони «мушкилнавис»-он низ бо мурури вақт, пас аз кор хӯрдан, ба як забони соддаву оммафаҳм табдил меёбад. Мисолан, дар ин муҳит забони навиштаҳои мо баринҳо мушкилфаҳм аст. Аммо барои форсигӯёни Эрон ва даризабонони Афғонистон забони ин гуна навиштаҳо хеле соддаву оммафаҳм ба назар мерасад. Сабаб ин аст, ки забони меъёрии форсӣ (тоҷикӣ, дарӣ) чанд аср аст, ки дар қаламрави ҳамзабонон бо тамоми доройяш мавриди корбурд қарор гирифтааст. Бояд ёдрас намуд, ки забони меъёрии форсии Эрон ва дарии Афғонистон низ поккориҳоро тақозо дорад. Зеро вожаҳои арабии зиёд доранд, ки гоҳо дар фаҳмидани матлаби нигоранда мушкилиҳо эҷод мекунанд.

Ба қавли бухороиён «ман дар аҷабу аҷаб ба ман дар аҷаб аст», ба баъзе тоҷикон агар гӯянд, ки мансаб мегирӣ, ҷайбат пури пул мешавад, вале шарт ин аст, ки бояд забони кореягиро хуб донӣ. Бовар кунед, дар тӯли шаш моҳ ё як сол ба таври бояду шояд забони басе мушкили кореягиро меомӯзанд. Аммо барои дарки маънои ҳамагӣ 50-60, равед, ки 100 калимаи душворфаҳми забони муқтадиру шоиронаи форсии тоҷикӣ вақту имкон намеёбад. Ин ҳақиқат аст, ки барои нашъу нумӯъи ҳар як забони дунё муҳити парвариш лозим аст, ки он муҳитро худи соҳибзабонон бо талошҳои пайгирона фароҳам меоваранд.

Яке аз вожаҳои номафҳуме, ки мо барин «мушкилнавис»-он гоҳо дар навиштаҳояшон истифода мебаранд, вожаи арабии «ҳуввият» аст. Ҳамзабонони хориҷӣ ин вожаро пештар истифода мебурданд, аммо дар матбуоти мо тӯли солҳои истиқлолият, ки ба эҳёи арзишу суннатҳои миллӣ роҳ кушод, маъмул гардид. Хуб, вожаи арабии «ҳуввият» чӣ маънӣ дорад? Он ба маънии вожаҳои «кистӣ, чистӣ, аз куҷоӣ»-и форсии тоҷикӣ хеле наздик аст. Яъне «ҳуввияти миллӣ» маънои кию чӣ, аз куҷо будани миллатро ифода менамояд. Пас, ҳар як миллат, аз ҷумла тоҷикон, сарфи назар аз он ки дар кадом минтақаи дунё ба сар мебаранд, бояд ҳуввияти миллии худро аз даст надиҳанд, донанд, ки гузаштагони дуру наздикашон бо кадом забон такаллум доштанд, чӣ шоҳкориҳое офаридаанд, чаро миллати тоҷикро миллати тамаддунсоз номидаанд, алорағми душманони худ чӣ гирудорҳое анҷом додаанд, сабабҳои аз душманони молию ҷонӣ шикаст хӯрданашон дар чӣ буд, илму ҳунарро то куҷо густариш додаанд, чаро оламиён ба шоирони беназир ва нобиғагони илму фарҳанги тоҷик арҷ мегузоранд?..

Барои чӣ ҳар як миллат, аз ҷумла тоҷикон бояд ҳуввият ва таърихи дуру наздики худро донанд? Надонистан ба чӣ оварда мерасонад? Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки надонистани таърих, забон ва ҳуввияти миллӣ фоҷиа аст. Зеро хоинони Ватан, миллату забонфурӯшон, ғуломон, террористон, фарзандони бенангу номус аз табақаҳое мебароянд, ки кию чӣ будани миллати худ, таърихи пуршукуҳи онро намедонанд. Намедонанд, ки забони ниёгони онҳо чӣ қудрату зебоиҳо дошту дорад.

Дар бедории миллӣ ва худшиносии шарқиён, аз ҷумла тоҷикон, ашъори диловезу дилангези шоир, файласуф ва мутафаккири бузурги Шарқ Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ нақши муҳим дорад. Вай, аз ҷумла, дар маснавии «Рамузи бехудӣ»-яш овардааст, ки бояд қавм (миллат) саргузашти (таърих) худро донад, зеро саргузашт – таърих дар худшиносӣ ва бедории миллии ҳар як миллат нақши калидӣ дорад. Агар саргузашт – таърихи миллат аз ёдаш равад, он миллат дар нестӣ гум мешавад. Гум мешавад, яъне чӣ? Бо гузашти вақт забони меъёрии аҷдодашро фаромӯш мекунад, дарки забони рӯзномаҳои миллӣ барояш мушкилӣ мекунад, беҳтарин урфу одат ва арзишҳои миллии аҷдодашро фаромӯш мекунад, ба миллатҳои бегона омезиш меёбад... Инак, чанд байт аз он маснавӣ:

*Қавм рӯшан аз саводи саргузашт,*
*Худшинос омад зи ёди саргузашт.*
*Саргузашти ӯ гар аз ёдаш равад,*
*Боз андар нестӣ гум мешавад...*
*Чист таърих, ай зи худ бегонае,*
*Достоне, қиссае, афсонае.*
*Ин туро аз хештан огаҳ кунад,*
*Ошнои кору марди раҳ кунад...*
*Забт кун таърихро поянда шав,*
*Аз нафасҳои рамида зинда шав...*
*Сар занад аз мозии ту ҳоли ту,*
*Хезад аз ҳоли ту истиқболи ту...*

Доир ба худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ як мисоли зинда. Дар мамлакати мо – Ўзбекистон рӯзномаи сартосарии ҷумҳуриявие бо номи «Овози тоҷик» 95 сол аст, ки барои бедории сиёсӣ ва миллии тоҷикон ва тоҷикзабонони хидмат мекунад ва он ҳамеша ба дастгирии тоҷикони ҷумҳурӣ, ки бино ба маълумотҳои расмӣ 1,5 миллион нафарро ташкил медиҳанд, ниёз дошту дорад. Нархи обунаи солона имсол, бо назардошти дурию наздикии вилояту ноҳияҳо ба пойтахт, ба ҳисоби миёна 350-400 ҳазор сӯмро ташкил дод. Албатта, аз ҷайб ин миқдор пулро баровварда ба рӯзнома обуна шудан кори саҳл нест. Соҳибкори фарҳангпарваре барои дастгирии рӯзнома як миқдор пул ҷудо кард. Ба тоҷике, ки дар пойтахт зиндагӣ мекунад, занг зада изҳор доштам, ки оё ройгон барои як сол ба рӯзномаи «Овози тоҷик» обуна шудан мехоҳад? «Дили ноҳоҳам, узри бисёр», гуфт, ки ман худ мактаби миёнаро ба забони русӣ хатм карда будам, фарзандонам дар мактаби русӣ мехонанд, дар оилаи мо забони адабии тоҷикиро касе намефаҳмад. Дар урфият мегӯянд, ки «Як дари баста, сад дари кушода», ба тоҷики дигаре занг зада арзи муддао кардам, ки рӯзгоре мактаби таҳсилоти ҳамагонии тоҷикиро хатм намудааст. Изҳор дошт, ки дар паси чанбари мошин қарор дораду худ дертар занг зада ҷавобашро мегӯяд. Ман то ҳанӯз мунтазири занги ӯям. Чанд сол қабл тоҷики дигаре (сокини пойтахт) гуфта буд, ки ман аз хондани рӯзномаи «Овози тоҷик» дар ҳузури шиносу ҳамсояҳо меҳаросам. Мисле, ки мепурсида бошанд: «Чӣ, магар ту тоҷикӣ?» Ҷомеашиносон бояд сабабҳои объективӣ ва субъективии ин ҳолатро, ки фоҷиае беш нест, мавриди омӯзиш қарор диҳанд...

Албатта, яке аз сабабҳои асосии аз асолат дуршавиҳо камии эътибор ва муҳити танги парвариш аст...

Имрӯз, дар замоне ки моддият дастболо гаштааст, ин фоҷиа бештар эҳсос карда мешавад. Баъзе ҷавонон, ба ҷойи ба сарвати маънавиашон афзудан, ба кишварҳои дур, дар шароити тоқатфарсо, ба дунболи пули «калон» мераванд, онҳо мардикору ғуломанд, ба ивази маблағи ночиз қувваи кории худро мефурӯшанд. Албатта, ба дунболи рӯзӣ ба хориҷи кишвар рафтан, пул ёфтан бадӣ надорад, вале гоҳо, ба сабаби каммаърифатӣ ва ноогоҳӣ аз ҳуввияти миллӣ, ба гурӯҳҳои террористӣ осон мепайванданд...

Тайи се соли охир аз ҷониби Президент доир ба куллан дигаргун кардани низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таълими миёнаи ҳамагонӣ ва олӣ қарору фармонҳои тақдирсоз ба тасвиб расиданд, ба ҷавонон эътибор дода мешавад, дар ин ва дигар соҳаҳо ислоҳоти васеъмиқёс идома доранд. Умед аст, ки фазову муҳити маънавӣ, ба манфиати ҳамаи қишрҳои аҳолии кишварамон, сарфи назар аз миллату нажод ва эъдиқоди диниву мазҳабӣ, рӯ ба беҳбудӣ мениҳад. Бале, бо умеду орзуҳои неку наҷиб ба сар бурдан худ як бахт аст.

**А. СУБҲОНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Дар маросими тақдирнамоии «Мукофоти варзиши миллӣ—2019», ки бахшида ба ҷамъбасти соли 2019 таҳти муассисии Вазорати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ўзбекистон ва Кумитаи олимпии миллӣ баргузор гашт, аз рӯи навъҳои олимпӣ ва варзиши миллӣ тарбиятгирандаи мактаби маҳорати олии Нукус Зайнаб Дайибекова аз рӯи номгӯи «Беҳтарин варзишгари ҷавон ва истиқболнок» ғолиб омад.*

*Солҳои охир чун дар дигар ҳудудҳои мамлакатамон дар минтақаи назди Арал низ маҷмӯъҳои варзишии замонавӣ бунёд мегарданд. Мактаб-интернати захираҳои олимпии ихтисосонидашудаи Нукус, мактаби маҳорати варзиши олии ба навъҳои олимпӣ ва варзиши миллӣ ихтисосонидашудаи Нукус аз ҳамин ҷумлаанд. Дар мактаби маҳорати варзиши олии бо анҷомҳои варзишии замонавӣ таъминшуда ҷавонон бо якчанд навъи спорт, аз ҷумла, бештар аз 200 писару духтарон дар риштаи шамшербозӣ ва шпага машғулот мегузаронанд.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# ИДИ «АЛИФБО»

*(Репортаж)*

***Толори барҳавои мактаби миёнаи таълимоти ҳамагонии рақами 14-уми ноҳияи Сӯх, ки аз баргузории як маҳфили зебо дарак медод, хеле серодам буд. Маълум шуд, ки дар ин ҷо ба муносибати ба охир расидани давраи саводомӯзии китоби «Алифбо» як маҳфил баргузор мегардад.***

Мизбонони маҳфил серкору сертараддуд менамуданд. Онҳо ба толори бо шиору навиштаҷоти мухталиф муҷаҳҳаз падару модарон, собиқадорони меҳнат, вакилони қисми сарҳадбонӣ ва меҳмонони дигари маҳфилро зери кафкӯбиҳо истиқбол мегирифтанд.

Директори мактаб Садриддин Абдураҳмонов ин маҳфили идонаро ҳусни оғоз бахшид. Меҳмонро хайрамақдам гуфт ва кӯдаконро бо иди хату савод ва хатми «Алифбо» самимона табрик кард.

Аз ҷараёни ин маросими идона маълум мешуд, ки кӯдакон дар муддати панҷ моҳи таҳсил хонданy навиштанро хеле хуб ёд гирифтаанд. Онҳо аз ҳар як ҳарфу ҳиҷо калимаву ҷумлаҳо сохта, бехато ва бурро мехонданд. Кӯдакон бо якдигар ба забони шеъру чистон ҳарф мезаданд ва таронаҳои кӯдакона суруда, дили иштирокчиёни маҳфилро ба худ ром мекарданд.

Ин завқу шавқи кӯдакон ба падару модарон ва меҳмонони маҳфил хурсандиҳо мебахшид. Онҳо аз он боварӣ ҳосил мекарданд, ки ин панҷ моҳи соли хониш барои фарзандони кӯчаки онҳо беҳуда нарафтааст. Онҳо зимни суханрониҳо аз натиҷаи кори маъмурияти мактаб, хусусан, муаллими синфҳои ибтидоӣ Абдулло Ибрагимов ибрози қаноатмандӣ мекарданд ва ба вай миннатдории самимии худро изҳор менамуданд.

Донишомӯзон Покиза Юсуфҷонова, Нафосат Турдиалиева, Моҳҷабин Хумориддинова, Заррина Сангинова, Асадулло Асадуллоев, Муҳаммадрофеъ Моилҷонов ва Ҷаҳонгир Ваҳҳобҷонов додаракону хоҳаракони худро бо хатми «Алифбо» шодбош гуфтанд ва ба онҳо туҳфаҳои хотиравӣ супурданд.

Дар идомаи маҳфил аъзои дастаи ҳунарии мактаб низ як барномаи хуби консертӣ намоиш доданд. Онҳо бо қироати шеърҳо дар васфи Ватан-Модар, устодон ва мактаби азизашон ба хурсандии иштирокчиёни он нишоту хушҳолӣ зам намуданд.

– Дар ташкил ва тайёр намудани ин маҳфил муаллимаи муассисаи томактабии деҳаамон Сулҳия Пӯлодова, модарони донишомӯзони синфи якум Фотима Балаҷонова ва Машҳура Холбобоева низ саҳми калон гузоштанд. Онҳо дар муддати се ҳафта ба мактаб омада, ҳамроҳи Абдулло Ибрагимов барои ба ин ид тайёр кардани кӯдакон хеле заҳмат кашиданд, ки барояшон хеле сипосгузорам,– мегӯяд директори мактаб.

Дар охири маҳфили идона падару модарон ҳамроҳи меҳмонони дигар ба синфхонаҳо даромада, бо шароити таҳсил ва корҳои омӯзишу парвариш ошно шуданд.

Мунисхон Ҳалимбоева мегӯяд, ки солҳои зиёд ба ин касбу кори пуршарафи омӯзгорӣ машғул шудааст ва дар роҳи тарбияву таълими фарзандони мардум саҳми худро гузоштааст.

– Вазифаи асосии ҳар як омӯзгор ба таълиму тарбия пурра ҷалб намудани шогирдони худ мебошад. Бубинед, ин донишомӯзон чӣ қадар хушбахтанд. Барояшон тамоми шароити созгор муҳайё шудааст. Танҳо омӯзгорони онҳоро лозим меояд, ки бо истифода аз ин имкониятҳои фаровон фарзандони мардумро дуруст тарбия кунанд, онҳоро аз донишу заковат бештар бархурдор созанд, роҳи дурусти зиндагиро нишон диҳанд, – мегӯяд Мунисхон Ҳалимбоева.

Тамошои даҳлезу толор ва синфхонаҳои барҳаво ба кас роҳат мебахшад. Дар як ҷойи даҳлези дароз гӯшаи табиатро ташкил кардаанд, ки кас гумон мекунад ҳайвонот у паррандаҳои зинда дар ҳаракату парвозанд. Ба гуфтаи маъмурияти мактаб ин гӯшаро яке аз омӯзгорони маъруф ва варзидаи фанҳои химия ва биология Бахтиёрҷон Холов ташкил кардааст. Ҳар як меҳмони мактаб аз тамошои он завқ мебарад.

– Мо аз ғамхориҳои Президент ва ҳукумати мамлакат ибрози сипос мекунем. Зеро дар айни ҳол барои таълиму тарбияи фарзандони мардуми деҳ дар мактабамон тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Таъмини китобҳои дарсиву беруназсинфӣ, компютерҳои замонавӣ, таҷҳизоти гуногуни таълимӣ маҳз натиҷаи ҳамин ғамхориҳои беназири сарвари давлат ва ҳукумат мебошад,– гуфт Садриддин Абдураҳмонов.

Директори мактаб афзуд, ки яке аз ҳодисаҳои хурсандибахши соли сипаришуда анҷоми таъмири биноии мактаб мебошад. Барои ин аз буҷаи ноҳия маблағи хеле калон ҷудо карда шуд. Ба таъкиди ӯ баъди ташрифи ҳокими вилоят Шуҳрат Ғаниев ба ин мактаб ва ошноӣ бо фаъолияти омӯзгорони он як қатор дигаргуниҳо ба амал омаданд. Аз ҷумла, мактаб дар муддати кӯтоҳ бо гази табиӣ таъмин гардид.

**Файзулло ИБРОҲИМОВ,**
**донишҷӯи гурӯҳи тоҷикии факултети филологияи ДДФ.**




*Дар маҳалла ва деҳоти ноҳияи Данғараи вилояти Фарғона иншооти иҷтимоии зебою бошукӯҳ, объектҳои нави истеҳсолӣ ва хидматрасонӣ, маҷмӯъҳои тиҷоратӣ, манзилҳои замонавии истиқоматӣ қад рост мекунанд.*

*Дар маркази ноҳия, ки торафт обод мегардад, меҳмонхона, бозори деҳқонӣ, маркази боулинг, Боғи ҷавонон, тарабхона дари худ боз кардаанд. Баробари ҳамин, Ғойиб Эранбобо, Ермасҷид, Хоҷа Абӯтуроббобо, Кишноғичбобо, Хоббобо, Хоҷа Азизбобо, Чомочбобо барин зиёратгоҳҳо аз таъмири пурра баровварда шуданд.*

***Дар сурат:** намуди ҳозираи Данғара.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

*Мероси ниёгон*

# «ДАСТУР-УЛ-МУЛУК» — НАМУНАИ ЗЕБОИ НАСРИ АСРИ XVII

«Дастур-ул-мулук» яке аз беҳтарин асарҳои Хоҷа Самандари Тирмизӣ аст. Ин асар аз рӯйи гуфти худи муаллиф бо хоҳиши ҷавонмарде ё дӯсти адиб дар байни солҳои 1695-1696 навишта шудааст.

Хоҷа Самандар, ба қавли Малеҳо, як зиндагии дарвешона доштааст. Ин зиндагии дарвешонаю либоси фақирона, сахтиҳои зиндагӣ ӯро ҳамчун марди пухтае ба камол расонидаанд.

Дар ин бора Малеҳо дар тазкираи «Музаккир-ул-асҳоб» чунин меорад: «Муддате парешон буд. Кулоҳи намадӣ дар сару жандаи сафед дар бар, каманди ваҳдат дар камар буду худро аз ҳама дар канор мегирифт. Кишварҳои ғарбу шарқро тай карда, сарду гармии рӯзгорро дида, талху ширинии айёмро чашидааст».

Бисёр лаҳзаҳои ҳаёти адиб дар асараш ифода гардидаанд. Оиди соли таваллуд ё вафоти Хоҷа Самандар маълумоти аниқ нест. Дар «Дастур-ул-мулук» қайд шудааст, ки Хоҷа Самандар муддати зиёде дар Насаф (Қаршӣ) умр ба сар мебарад. Ӯро ду бор ба вазифаи раисӣ таъин мекунанд. Шоир зиндагии оромона надоштааст.

Боре Авазхоҷа ном шахсе фитна меангезад ва ӯро ба воситаи дӯстонаш мехоҳад бадном кунад. Кор ба дараҷае мерасад, ки дӯстони Самандархоҷа ҳам ба иғвои онҳо бовар карда, аз ӯ рӯ мегардонанд. Самандархоҷа дар наср ва номанигорӣ (иншо) ба дараҷаи устодӣ мерасад.

Дар таълифи асар бошад, ӯ ба Саъдии Шерозӣ пайравӣ кардааст. Дар «Дастур-ул-мулук» меоварад: «Ин абҷадхони соддагӯй (Хоҷа Самандар) даст ба домони сайёҳон зад, аз гуфтаҳои бузургон чизе, ки дарюза карда буд, дар абёти мувофиқ гирд овард ва номи онро «Дастур-ул-мулук» ниҳод».

Ҳамин тариқа, Хоҷа Самандар таълифоти панду ахлоқии гузаштагонро омӯхтаву истифода намуда, дар пайравиашон асаре меофарад, ки аз ҷиҳати сохт ва обуранги бадеии худ аз пешиниён тафовут дорад.

Хоҷа Самандар дар таълифоташ аз ашъори гузаштагон барои таъкиду тасдиқи гуфтаҳояш иқтибос меорад, вале дар бисёр маврид номи муаллифони онҳоро зикр намекунад.

«Дастур-ул-мулук» аз 22 боб иборат аст. Аз боби аввал то бобҳои бист, бисту дуюм мазмуни панду ахлоқӣ доранд. Боби аз ҳама калонтарин боби бисту якум аст, ки дар он воқеаҳои таърихии замони нависанда ба қалам омадаанд, ки худ гоҳо чун шоҳиди онон ҳарф мезанад.

Дар асар нависанда ба масъалаҳои адолат, шуҷоат, аҳволи мулозимон, мағрур нашудан, ҳасад набурдан, сабру таҳаммул кардан ва ғайра аҳамияти махсус додааст. Адиб то боби бисту якум ҳар як гуфтаи худро бо ибораи «азизи ман» шурӯъ намуда, пас аз баёни фикр (пораҳо) бо байте ё қитъаи шеърие онро ҷамъбаст намудааст. Боби бисту якум аз баъзе мушоҳидаҳои муаллиф бо ибораҳои «яке аз воқеаҳои рӯзгор ин ки» ё «яке аз воқеаҳое ин ки» оғоз меёбанд. Ин асари Хоҷа Самандар аҳамияти калони панду ахлоқӣ ва таърихӣ дорад. «Дастур-ул-мулук» намунаи зебои забони адабии мо дар асри XVII ба ҳисоб меравад. Асар бо обуранги зиёди бадеӣ, тасвирҳои воқеӣ сурат мегирад.

«Дастур-ул-мулук» саросар бо насри мусаҷҷаъ таълиф гардидааст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки мазмуни бисёр пораҳо, воқеаҳоро бо ҷумлаву ибораҳои мусаҷҷаъ ва муқаффо ифода намояд: «Ин ҳама афсуни рангин дар дили сангини ӯ кор накард. Надонист, ки қимати ӯ аз заҳри афъӣ зиёнкортар асту чизе додани ӯ аз талхии ҷон додан душвортар».

«Азизи ман, гули ин ҷаҳон рафиқи хор асту қарини хумор. Ганҷаш ба ранҷ пайваставу айшаш ба ғам барбаста, нӯши меҳраш ба неши заҳр асту асари тарёкаш ба зарари заҳр».

Хулоса, ҳаёт ва мероси адабии Хоҷа Самандари Тирмизӣ, махсусан, паҳлӯҳои сермаҳсули назму насри ӯ шоистаи омӯзиш аст.

**Иброҳим АБДУЛЛОЕВ,**
**Кибриё АКБАРОВА,**
*ноҳияи Сариосиё.*

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-135. Адади нашр 836, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
Ҳ/С 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.